**Х У Л О С А И**

**комисссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзӯи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна ба омӯзиши муқоисаи майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Воқеан, муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки масъалаи таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба яке аз масъалаҳои актуалӣ табдил ёфта, он дар қисматҳои алоҳидаи забоншиносӣ дар замони муосир мавриди баррасӣ қарор мегирад. Забоншиносии фарҳангӣ ба омӯзиши масъалаҳои пайвасти забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ машғул шуда, зуҳуроти фарҳанги халқро дар забони он таҳқиқ мекунад. Забон, пеш аз ҳама, падидаҳои фарҳангро сабту ҳифз мекунад, инчунин, ҳамчун воситаи азнавсозии онҳо дар тафаккури халқ ва интиқоли онҳо аз насл ба насл хизмат мекунад. Бинобар ин омӯзиши муқоисаи майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ аҳамияти хосаро касб намудааст.

Таҳқиқи анҷомдодаи диссертант аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, аввалин таҳқиқот дар бахши забоншиносии мукоисаи майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мебошад. Дар диссерататсия мавзӯи мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ таъсири мусбат расонида метавонад.

Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ ва маъноӣ, ки то имрӯз норавшан буд, ҳамчунин метавонанд заминаи муосирро барои фаҳму идроки мардумони гуногунзабон ба воситаи таҳлили луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки муҳимтарин василаи ифодакунандаи тасвири забонии муошират мебошад ва масъалаҳои дигар муҳайё созад.

Дар ин масъала дар кори илмии муҳаққиқи ҷавон равшанӣ андохта мешавад.

Кори таҳқиқотии муҳаққиқ аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия», ки

бо қарори Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, таълиф шудааст. Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302, - Забоншиносии муқоисавӣ -таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) комилан мувофиқ мебошад.

Муаллиф вобаста ба кори таҳқиқотӣ 4 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ва 7 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расонидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссератятсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур бо таҳия ва коркард метавонад роҳу усулҳои навро дар низоми махсуси луғавӣ-маъноӣ ва калимасозӣ инъикос намояд, чунки дар дохили он муносибатҳои зинавӣ бо назардошти истифодаи усулҳои забономӯзӣ аз мафҳуми вожа сар карда, то мавқеи он дар сохтори забон пурра таҳлил ва таҳқиқ шудааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он инъикос мегардад, ки

натиҷаҳои таҳқиқи мавриди назар барои мураттаб сохтани роҳнамоҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба фанни «Забоншиносӣ», барои тартиб додани луғатномаҳо, ҳамчунин барои тарҷумаи назариявӣ ва амалӣ барои курсҳои лексионӣ оид ба забоншиносии забонҳои муқоисашаванда, барои типологияи забонҳои тоҷикӣ, англисӣ, русӣ ва дигар забонҳо, барои навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ мусоидат менамояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ бо ёрии вожаҳо ва қолабҳои алоҳида, бо муқоисаи хусусиятҳои сохторӣ-маъноии онҳо пурра ва возеҳу равшан ифода ёфтааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзӯи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзӯи **«Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзӯи **«Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ **пешниҳод менамояд:**

- **Раҳмонова Наргис Шарифовна -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Олматова Шарофат Сафаралиевна** – номзади илми филология, дотсент, мудии кафедраи назария ва типологияи англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

3. Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ**: Қосимов Олимҷон Ҳабибович
доктори илмҳои филологӣ профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ

**Аъзои комиссияи экспертӣ:** Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, аъзои
Шурои диссертатсионӣ

номзади илмҳои филологӣ, Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна
дотсент, аъзои
Шурои диссертатсионӣ

« 22» июни соли 2025
Имзоҳои О,Ҳ,Қосимов, Ш,Р,Ҳасанова
ва Г.З.Абдуллоеваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода»
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003,Сомона: www.ddzt.tj